Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Муродзода Муҳсин Муқим “Масоили таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон: ҷанбаи сиёсӣ-иҷтимоӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ**

Яке аз масъалаҳои бисёр муҳим ва ҳассосе, ки ҷомеаи мо дар раванди эҳёи миллӣ ва ташаккули худшиносии миллӣ бо он рӯбарӯ мебошад, шинохт ва таърифи дурусти ҳувияти миллӣ аст. Таҳлили маводи пуршумори матбуотӣ ва адабиёти илмие, ки дар солҳои охир дар ин мавзуъ ба табъ расидааст, нишон медиҳад, ки баҳс дар бораи чигунагии ҳувияти миллии тоҷикон ва чигунагии таносуби унсурҳои дохилии он ҳамчун яке аз баҳсҳои доғи доираҳои илмӣ, сиёсӣ, идеологӣ ва мутбуотии мо боқӣ мондааст.

Албатта, масъалаи ҳувияти миллии тоҷикон мавзуи бисёр васеъ буда, онро метавон дар сатҳҳои гуногун ва аз паҳлӯҳои мухталиф мавриди омӯзиш қарор дод.

Ҳамазамон бояд дарҷ намуд, ки имрӯз танҳо ба сабаби қарор гирифтан дар вазъияти нобаробари рушди иқтисодӣ ва технологӣ бисёре аз арзишҳои асили миллӣ тоҷикон низ мавриди таҳдид қарор гирифтаанд. Маҳз бо дарназардошти ин воқеият, имрӯз фарҳангу арзишҳои миллӣ ва ҳувияти миллии ҷавонони кишвар эҳтиёҷ ба дастгирии ҳамаҷонибаи давлатӣ дорад. Зеро дар шароити ҷаҳонишавии босуръат ҳифзи арзишҳои миллӣ фақат бо ҳимояи ҷиддии давлатӣ имконпазир мебошад.

Илова бар ин, ҳифзи ҳувият ва арзишҳои миллӣ танҳо як масъалаи фарҳангию тамаддунӣ набуда, балки моҳияти амалии сиёсию давлатӣ низ пайдо кардааст, зеро дар сурати заиф шудани ин арзишҳои баҳамоварандаи миллат, ваҳдати миллӣ рахна ёфта, пояҳои давлатдорӣ ва суботу амнияти миллии кишвар суст мегарданд.

Автореферати диссертатсияи М. М. Муродзода аз назари илмӣ дар сатҳи бисёр хуби илмию таҳлилӣ ва андешаҳои муаллиф аз назари мантиқӣ дуруст таҳия гардида, натиҷаҳо ҷамъбандӣ ва хулосабарорӣ шудаанд. Хулосаҳои таҳлилии муаллиф метавонанд дар таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони кишвар истифода намуд.

Дар маҷмӯъ довталаби дараҷаи илмӣ автореферати диссертатсияро бо ҳуқуқи дастнавис, дар шакли чопӣ, ба забони давлатӣ ва русӣ ва ҳамзамон дар шакли саҳифабандишуда пешниҳод намудааст. Дар охири автореферат аннотатсияи диссертатсия ба забонҳои давлатӣ, русӣ ва англисӣ ҳар яке дар ҳаҷми як саҳифа оварда шудааст.

Автореферати диссертатсия тибқи Дастурамал дар бораи тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо ва банди 54 Тартиби мазкур ба расмият дароварда шуда, он натиҷаҳои асосии диссертатсия, саҳми муаллиф дар таҳқиқоти гузаронидашуда, дараҷаи навгонӣ, аҳамияти амалии таҳқиқоти анҷомёфта ва феҳристи асарҳои чопшудаи довталаби дараҷаи илмиро инъикос менамояд. Ҳаҷми автореферат барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм барои ихтисосҳои гуманитарӣ муқарраршуда, мувофиқ ҳаст.

Баробар ба арзишҳои муҳимми илмию таҳқиқотӣ дар автореферати диссертатсия аз назари мо баъзе мушкилоти ҷузъӣ ба чашм мерасанд:

— ҳувияти миллӣ мафҳуму истилоҳи на танҳо илмҳои сиёсӣ, балки дигар илмҳои ҷамъиятию гуманитарӣ мебошад. Дар авторферат таҳқиқи мавзуи мазкур аз дидгоҳи олимону коршиносони дигар илмҳои ҷамъиятию гуманитарӣ дарҷ нашудааст.

— дар баъзе саҳифаҳои автореферати диссертатсия камбудиҳои имлоиву техникӣ ба чашм мерасанд, ки бартарфу ислоҳ кардани онҳо ба салоҳияти довталаби дараҷаи илмӣ мебошад.

Хулоса, автореферати диссертаисияи Муродзода Муҳсин Муқим "Масоили таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон: ҷанбаи сиёсӣ-иҷтимоӣ" ба Талабот оид ба барасмиятдарории диссертатсия ва автореферат, ки дар асоси қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми сентябри соли 2021, № 7 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мебошад.

Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Нуриддин Парвин Раймалихон

Имзои П. Р. Нуриддинро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ

Мустафозода А.

Суроға: 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Телефон (корӣ): (+992 37) 224 89 52;
E–mail: panurama@mail.ru